Суратмаҷлиси №15

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 06 октябри соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии якдафъаинаи бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2022, №224/ҳя тасдиқгардида, 9 нафар иштирок доранд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Қабул намудани диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар мавзуи «Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасарой (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касрой, Суҳроби Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)» аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос (мушовири илмӣ: доктори илми филология, профессор, академики АМИТ Имомзода М.С.) ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо, диссертатсия ва фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили ҳимояи якдафъаинаи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло ба шурои диссертатсионӣ.

БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло дар мавзуи «Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасарой (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касрой, Суҳроби Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)» аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур** – доктори илми филология, аъзои шурои якдафъаина, раиси комиссияи экспертӣ;
- **Мардонӣ Тоҷиддин Нуриддин** – доктори илми филология, аъзои шурои якдафъаина, аъзои комиссияи экспертӣ;
- **Восиева Рухшона Қурбоновна** – доктори илми филология, аъзои шурои якдафъаина, аъзои комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.